"Тасдиқ менамоям"
ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
_________ н.и.и. Ибодзода З. Х.
«_03_» ___03_____ 2020с.

# Низомномаи

## таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии донишҷӯёни МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"

**НИЗОМНОМАИ**

**ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАЪЛИМИ ВА ИСТЕҲСОЛИИ ДОНИШҶӮЁНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

Низомномаи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Тандурустӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи намунави оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба таҷрибаи омӯзгории донишҷуёни муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии хуқуқи таҳия гардида, таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар асоси санадҳои номбурда ба роҳ монда мешавад.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Таҷрибаомӯзии донишҷуёни донишкада қисми муҳими таълим ба ҳисоб рафта, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси тиббӣ, фармасевтӣ, стоматологӣ ва психологи тиббӣ аҳамияти калон дорад.

2. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар муассисаҳои табобатӣ, фарматсевтӣ ва стоматологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Вобаста ба тахассусҳо таҷрибаомӯзӣ оид ба табобатӣ, стоматологӣ, фармасевтӣ ва ғайраҳо гузаронида мешавад.

3. Тартиби гузаштан, муҳлат ва ҳаҷми таҷрибаомӯзиро накшаҳои таълимӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои донишҷӯёни донишкада гардидааст, муайян менамояд.

## 2. ВАЗИФАҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

4. Вазифаи асосии таҷрибаомӯзӣ ин тайёр намудани мутахассисони тиббӣ, стоматологӣ ва фармасевтӣ ба фаъолияти амалии донишҷуёни донишкада мебошад.

5. Вазифаи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни факултети тиббӣ ин такмил додани малакаҳои амалии онҳо оиди парасторӣ, ташхис, табобати бемор ва корҳои ташкилии соҳаи тандурустӣ, ки дар марҳилаҳои гуногуни таълим аз худ намудаанд мебошад. Инчунии шиносоии онҳо ба шароит ва ҳаҷми кори табибон дар беморхонаҳо ва марказҳои саломатии ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошад.

6. Мақсади таҷрибаи амалии донишҷӯёни факултети психологияи тиббӣ шинос намудани донишҷӯён бо принсипҳои ташкили ёрии тиббию психологӣ ба аҳолӣ, бо ҷои кори равоншиноси клиникӣ, шиносоӣ бо шаклҳо ва самтҳои гуногуни кори равоншиноси клиникӣ дар муассисаҳои гуногун, омӯхтани қоидаҳои одоби касбӣ ҳангоми муошират бо ҳамкорон, беморон ва хешовандони онҳо, омӯхтани қоидаҳои

назорати рафтори бемор ва шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи фаъолияти равоншиноси клиникӣ.

7. Вазифаи таҷрибаомӯзии донишҷӯёни факултети стоматологӣ ин мустаҳкам намудани малакаҳои амалӣ оиди қабули мушаххас ва омехтаи беморони стоматологӣ, омӯхтани принсипҳои асосии хизматрасонии стоматологӣ, аз худ намудани шакл ва усулҳои санатсияи (табобати пешакӣ) нақшавии диспансеризатсияи аҳолӣ мебошад.

8. Вазифаи таҷрибаомӯзии донишҷуёни факултети фармасевтӣ, ин аз худ намудани малакаҳои амалии кор дар дорухонаҳо, назорати таҳлилӣ, усулҳои такмили идораи фаъолияти дорухона, назорати сифати маводҳои доруворӣ, технологияи маводи доруворӣ дар корхонаҳои фармасевтӣ ва аз худ намудани асоси ташкили иқтисоди фарматсия мебошад.

9. Донишҷӯёни донишкада таҷрибаомӯзиро мувофиқи шартномаи ду тарафа дар муассисаҳои табобатӣ, дорухонаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва корхонаҳои фарматсевтӣ, ки ба талаботи таҷрибаомӯзӣ ҷавобгуй ҳастанд мегузаранд. Таҷрибаомӯзӣ дар муасисаҳои дар боло зикршуда мутобиқи гурӯҳ ва ё ба тарзи индивидуалӣ вобаста ба имконияти муассиса гузаронида мешавад.

## 3. ТАШКИЛ ВА РОҲБАРИИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

10. Барои гузаронидани таҷрибаомӯзӣ донишҷуён ба донишкада муасисаҳои тибби профилактики, дорухонаҳо ва корхонаҳои фарматсевтии назди Вазорати тандурустӣ вобаста карда мешаванд, илова бар ин донишкада метавонад бо ин мақсад бо муасисаҳои тиббии дигар вазорату идораҳо ва шахсони ҳуқуқии алоҳида ҷиҳати гузаронидани таҷрибаомӯзии донишҷуён шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расонад.

11. Дар вақти таҷрибаомӯзӣ истифодабарии донишҷуён барои дигар корҳо (хоҷагӣ, сохтмонӣ ва ғайраҳо) манъ мебошад.

12. Шуъбаи таҷрибаомӯзӣ донишгоҳ дар мавриди зарурӣ метавонад аз нав бо муасисаҳои табобатию профилактикӣ, санитарию эпидемиологӣ ва фармасевтӣ бо муҳлати муайян шартнома мебандад.

13. Барномаи таҷрибаомӯзӣ ва рӯйхати донишҷӯён ба муасисае, ки дар он ҷо таҷрибаомӯзӣ гузаронида мешавад ду ҳафта пештар пешниҳод карда мешавад.

14 Масъулияти гузаронидани таҷрибаомӯзӣ ва назорати он ба зиммаи шуъбаи таҷрибаомӯзии донишкада гузошта мешавад.

15 Ҳамоҳонагсозии фаъолияти кафедраҳои мутасадии таҷрибаомӯзиро шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ташкил менамояд.

16. Мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ мустақиман ба ректор ва ноиби ректор оид ба таълим итоат менамояд ва фаъолияти худро бо деканҳои факултетҳо ҳамоҳанг месозад.

## 4. ВАЗИФАҲОИ МУДИРИ ШУЪБАИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

17. Пойгоҳи таҷрибаомӯзиро аз ҳисоби муассисаҳои тиббӣ, дорухонаҳо, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дигар муассисаҳо интихоб намуда, паспортизатсияи онҳоро гузаронанд.

18. Барои роҳбарии таҷрибаомӯзӣ аз кафедраҳо омӯзгорони ботаҷрибаро интихоб намояд.

19. Ҷадвали гузаштани таҷрибаомӯзиро тайёр намуда, донишҷӯёнро ба пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ тақсим ва равон намояд.

20. Ҳамоҳангсозии байни донишҷӯёни ва пойгоҳҳоро дар вакти таҷрибаомӯзӣ ташкил намояд.

21. Ба кафедраҳои мутасаддии таҷрибаомӯзӣ ёрии методӣ расонад.

22. Фаъолияти кафедраҳои мутасаддиро назорат намояд.

23. Натиҷаҳои таҷрибаомӯзиро ҷамъбаст намуда, дар ҷаласаҳои Раёсати Донишкада ва Шурои олимон ҳисобот диҳад.

24. Дар баландбардоштани дараҷаи тахассусии кормандони пойгох, ки роҳбари таҷрибаомӯзӣ мебошанд ҳиссагузорӣ намояд, бо ин мақсад корҳои машваратӣ ва семинарҳоро ташкил намояд.

## 5. ВАЗИФАҲОИ ОМӮЗГОРОНИ МУТАСАДДИИ ТАҶРИБАОМУЗӢ

25. То саршавии таҷрибаомузӣ ба шуъбаи таҷрибаомӯзӣ пешниҳод менамояд:

- ҷадвали иҷроиши вазифаҳои индивидуалии донишҷуёнро;
- номгӯи таҷрибаомузиро;
- ҷорабиниҳоро барои басифат гузаронидани таҷрибаомӯзӣ;
- нақшаи кабули санҷиш ва ҳисоботи донишҷуёнро;
- вобаста ба нақша ва барномаи таълим дар пойгоҳҳои таҷрибаомузӣ бо якҷоягии роҳбарони базавӣ барои донишҷуён машғулиятҳо ташкил намудан;
- ба ҳар донишҷӯ хислатнома дода, рӯзнома, ҳисобот ва машғулиятҳои индивидуалии онҳоро тафтиш намуда аз болои онҳо назорат мебарад;
- ба шуъбаи таҷрибаомӯзии донишкада аз натиҷаи гузаштани таҷрибаомӯзии донишҷӯён ҳисоботи хаттиро бо пешниҳодҳо манзур менамояд.

26. Масъулияти ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои тиббӣ, стоматологӣ ва фармасевтӣ ба зиммаи роҳбарияти онҳо гузошта мешавад. Роҳбарии мустақими таҷрибаомӯзӣ донишҷӯён дар шуъбаҳо озмоишгоҳҳо бо санади дахлдори роҳбари муассиса ба зиммаи мутахассисони баландихтисос гузошта мешавад.

## 6. ВАЗИФАҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТИЮ ПРОФИЛАКТИКИ, СТОМАТОЛОГӢ ВА ФАРМАСЕВТӢ

27. Таҷрибаомӯзиро дар асоси барнома ва низомномаи мазкур ташкил намояд.

28. Бо донишҷӯён ҷои таҷрибаомӯзиро, ки бо сифати баланд гузаронидани он ҷавобгӯ аст, пешниҳод менамояд.

29. Дар ҳолати вайрон намудани қоидаҳои таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишҷӯён дар пойгоҳ, роҳбари муассиса ба номи ректори донишкада маълумотнома барои баррасӣ пешниҳод менамояд.

30. Донишҷӯёнро бо қоидаҳои тартиботи дохилӣ, бехатарии техникӣ дар муассиса шинос менамояд,

## 7. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ АЗ ТАРАФИ ШУЪБАҲО ВА БАХШҲОИ МУАССИСАҲОИ ТАБОБАТИЮ ПРОФИЛАКТИКИ, СТОМАТОЛОГӢ ВА ФАРМАСЕВТӢ

31. Таҷрибаомӯзиро дар якҷоягӣ бо роҳбари аз тарафи донишкада таъиншуда ташкил ва назорат менамояд.

32. Тартиби навиштани рӯзнома ва хисоботи донишчуёнро назорат намуда, ба онҳо хислатнома медиҳад.

33. Аз натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ ба роҳбарияти муассиса ҳисобот медихад.

## 8. ВАЗИФАҲОИ ДОНИШҶӮЁН ДАР ВАҚТИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ

34. Барномаи таҷрибаомӯзиро пурра иҷро намоянд.

35. Қоидаҳои тартиботи дохилӣ, бехатарии мехнат ва техникиро риоя намоянд.

36. Барои иҷроиши кор дар баробари кормандони муассиса масъулиятро ҳис намоянд.

37. Кори иҷрошударо дар рӯзномаи худ қайд намуда, ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ оиди корҳои иҷрошуда хисоботи хаттӣ пешниҳод намуда, аз санҷиш гузаранд.

38. Таҷрибаомӯзии донишҷӯён аз рӯи нақшаи тасдиқшуда чун анъана дар вақти таътили зимистона ва тобистона гузаронида мешавад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ва ё бо сабабҳои узрнок вакте, ки донишҷӯ дар таҷрибаомӯзӣ иштирок карда наметавонад, ба донишҷӯ имконият дода мешавад, ки таҷрибаомӯзиро дар давоми соли таҳсил берун аз ҷараёни таълим ба шакли навбатдорӣ дар муассисаҳои дар боло номбурда гузарад. Барои ин шуъбаи таҷрибаомӯзӣ барои онҳо шароит фароҳам меорад. Дар мавриди нагузаштани таҷрибаомӯзӣ, аз ҷониби донишҷӯе, ки дар вақти асосӣ бо сабабҳои узрнок таҷрибаомӯзиро нагузаштааст, аз донишкада хориҷ карда мешавад.

## 9. ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ТИББӢ

39. Дар курси 1-ум баъди семестри 1-ум барои донишчӯён нигоҳбинии беморони хурд ва калонсолон дар шуъбаҳои терапевтӣ ва ҷарроҳӣ (24 соат) гузаронида мешавад. Мақсади ин, сари вақт шинос намудани донишчӯён бо кафедра ва беморхонаи клиникӣ мебошад. Онро омӯзгорони мутасаддии корҳои табобатии кафедраҳои клиникӣ мегузаронанд.

40. Дар курси 2-юм баъди семестри 4-ум донишҷӯён таҷрибаомӯзиро оиди «Парастории бемор» (муддати 4 ҳафта) дар шуъбаҳои табобатии беморхонаҳо мегузаранд. Мақсади таҷрибаомӯзӣ аз худ намудани малакаҳои амалӣ оиди нигоҳубини беморони гуногун мебошад. Ин тачрибаомӯзиро кафедраҳои ҷарроҳии умумӣ ва кафедраҳои бемориҳои дарунӣ мегузаронанд.

41. Дар курси 3-юм баъди семестри 6-ум донишҷуён таҷрибаомӯзиро оиди кори «Ҳамширагӣ» (муддати 4 ҳафта) мегузаранд. Мақсади ин таҷрибаомӯзӣ, аз худ намудани малакаҳои амалии кори ҳамшираи тиб мебошад. Ин таҷрибаомӯзиро кафедраҳои клиникии донишкада мегузаронанд. Баъди гузаштани чунин таҷрибаомӯзӣ донишчуён метавонанд дар беморхонаҳо ба ҳайси ҳамшира ва бародари тиб фаъолият намоянд.

42. Дар курси 4-ум баъди семестри 8-ум донишҷӯён (муддати 4 ҳафта) таҷрибаомӯзиро дар марказҳои саломатӣ ва ё дар Маркази ёрии таъҷили ба сифати «Ёвари духтур» мегузаранд. Мақсади ин тачрибаомӯзӣ шиносоии донишчуён бо фаъолияти кори дармонгоҳҳо (Маркази Саломатӣ) мебошад. Таҷрибаомӯзиро кафедраҳои клиникии дармонгоҳӣ мегузаронанд.

43. Дар курси 5-ум баъди семестри 10-ум донишҷуён таҷрибаомӯзии давлатиро (4 ҳафта) оиди «Ҷарроҳӣ, бемориҳои дарунӣ, педиатрия ва гинекология» дар шуъбаҳои ҳамноми беморхонаҳо мегузаранд. Ба гузаронидани ин таҷрибаомӯзӣ ҳамаи кафедраҳои клиники донишкада ҷалб карда мешаванд. Мақсади ин тачрибаомӯзӣ иштироки бевоситаи донишҷуён дар раванди табобати бемор ва такмил додани малакаҳои амалии онҳо дар ин самт мебошанд. Донишҷуён ин намуди таҷрибаомӯзиро дар шуъбаҳои ҷарроҳӣ, бемориҳои дарунӣ, педиатрия ва таваллудхонахо мегузаранд.

## 10. ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶУЁНИ ФАКУЛТЕТИ СТОМАТОЛОГӢ

44. Дар курси 1-ум баъди семестри 1-ум барои донишчӯён нигоҳбинии беморони хурд ва калонсолон дар шуъбаҳои стоматологӣ, терапевтӣ ва ҷарроҳӣ (24 соат) гузаронида мешавад. Мақсади ин, сари вақт шинос намудани донишчӯён бо кафедра ва беморхонаи клиникӣ мебошад. Онро омӯзгорони мутасаддии корҳои табобатии кафедраҳои клиникӣ мегузаронанд.

45.Дар курси 2-юм баъд аз семестри 4-ум донишҷӯён (муддати 4 ҳафта) таҷрибаомӯзиро оиди «Стоматолог-гигиенист» дар шуъбаҳо ва дармонгоҳҳои стоматологӣ мегузаранд. Мақсади ин тачрибаомӯзӣ такмил додан ва аз худ намудани малакаҳои касбии парастор ва ҳамшира ва бародари шафқат мебошад. Барои гузаронидани ин тачибаомӯзӣ кафедраҳои клиникӣ ва стоматологӣ ҷалб карда мешаванд.

45. Дар курси 3-юм баъд аз семестри 6-ум донишҷӯён (муддати 4 хафта) таҷрибаомӯзиро оиди «Ёрдамчии духтур стоматолог ортопед» дар шуъбаҳо ва дармонгоҳҳои стоматологӣ мегузаранд. Ин таҷрибаомӯзии тахассусӣ буда, мақсади он шиносоӣ ва иштирок дар раванди табобатии консервативӣ бемрони стоматологӣ мебошад. Тачрибаомӯзиро кафедраи стоматологияи муоличавӣ мегузаронад.

46. Дар курси 4-ум баъди семестри 7- ум донишҷӯён (муддати 2 ҳафта) таҷрибаомӯзиро оиди «Ҷарроҳии стоматологӣ» дар шуъбаҳо ва ҳуҷраҳои ҷарроҳии дармонгоҳҳо на марказҳои стоматологӣ мегузаранд. Мақсади ин тачрибаомӯзӣ шиносоӣ ва иштирок дар табобати ҷарроҳии беморони стоматологӣ мебошад.

47. Дар курси 4-ум баъд аз семестри 8-ум донишҷӯён (муддати 4 ҳафта) таҷрибаомӯзиро оиди «Стоматологияи ортопедӣ» дар дармонгоҳҳо ва марказҳои стоматологӣ мегузаранд. Мақсади ин таҷрибаомӯзӣ иштироки бевоситаи донишҷуён дар раванди бартараф намудани нуқсонҳои дандон ва ҷоғ мебошад. Ин таҷрибаомӯзиро кафедраи стоматологияи ортопедӣ мегузаронад.

48. Дар курси 5-ум баъд аз семестри 9-ум донишҷуён (муддати 2 ҳафта) таҷрибаомӯзиро оиди «Стоматологияи кӯдакона» дар шуъба ва дар дармонгоҳҳои стоматологияи кӯдакона мегузаранд.

Мақсади асосии ин тачрибаомӯзӣ шиносоӣ ва иштироки донишҷӯён дар раванди табобати бемориҳои стоматологии кӯдакон мебошад. Ин таҷрибаомӯзиро кафедраи ҷоғу-руй ва стоматологияи кӯдакона мегузаронанд.

## 11. ТАҶРИБАОМӮЗИИ ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТИ ФАРМАСЕВТӢ

49. Дар соли аввал баъди семестри 1-ум барои донишҷӯён экскурсияи 3-рӯза ба дорухонаҳо ва заводи фармасевтӣ ташкил карда мешавад.
Мақсад аз экскурсия шинос кардани донишҷӯён бо шароити кори ояндаи онҳо мебошад
50. Дар соли аввали баъди семестри 2-юм донишҷӯён дар мавзуи «Ташкили идоракунии фармасевтӣ (ТИФ)» дар дорухонаҳо ва корхонаҳои фармасевтӣ таҷрибаомӯзии 1 ҳафтаина мегузаранд.

51. Факултет дар соли дуюми моҳи апрел 2 ҳафта барои донишҷӯён аз рӯи ихтисосӣ «Ботаника» таҷрибаомӯзӣ мегузаронад.

52. Дар соли дуюми тобистон донишчӯён «Тачриба дар соҳаи тиб» 1 ҳафтаина таҷрибаомӯзӣ мегузаранд. Таҷрибаомӯзиро ординатори кафедраи клиникӣ, ки бо усулҳо ва нигоҳдории доруҳо шинос аст, мегузаронад.

53. Дар курси сеюми баъди семестри 5-ум дар давоми ҳафтаи 1-ум донишҷӯён аз рӯи ихтисоси «Технологияи маводи доруворӣ» дар дорухона тачрибаомӯзӣ мегузаранд. Мақсади ин таҷрибаомӯзӣ шинос намудани донишҷӯён бо фаъолияти дорухона ва аз худкунии онҳо мебошад.

54. Дар соли сеюми баъди семестри 6-ум донишчӯён дар базаи таълимии сайёҳии факултет 4 ҳафтаина аз фанни «Фармакокнозия» тачрибаомӯзӣ мегузаронанд. Мақсад аз ин тачрибаомӯзӣ шиносоӣ, ҷамъоварӣ ва ташкили гербарияҳои

растаниҳои шифобахш аст. Таҷрибаомӯзиро кафедраи фармакогнозия ва ташкили иқтисодиёти фармасевтӣ анҷом медиҳад.

55. Дар соли чоруми баъди семестри 8-ум донишҷӯён аз рӯи ихтисоси «Технологияи фармасевтӣ» 3 ҳафта таҷрибаомӯзӣ мегузаранд. Таҷрибаомӯзӣ дар заводу фабрикаҳои дорусозӣ гузаронида мешавад. Мақсади ин таҷрибаомӯзӣ иштироки донишҷӯён дар процесси технологии заводи фармасевтӣ мебошад. Таҷрибаомӯзиро кафедраи технологияи фармасевтӣ мегузаронанд.

Дар курси 5-ум 4 намуди таҷрибаомӯзии давлатиро мегузаранд:

- Технологияи фармаевтӣ 2 ҳафта
- Химияи фармасевтӣ 3 ҳафта
- Ташкили идоракунии фармасевтӣ (ТИФ) 6 ҳафта
- Стандарткунонӣ 3 ҳафта

Таҷрибаомӯзиро кафедраҳои тахассусӣ мегузаронанд.

**Музди меҳнати таҷрибаомӯзӣ**

1. Музди меҳнати роҳбари таҷрибаомӯзӣ аз тарафи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» пардохт карда мешавад.

2. Пардохти музди меҳнати коркунони муассисаҳои тиббӣ, профилактикӣ ва фармасевтӣ, ки барои роҳбари таҷрибаомӯзи сафарбар карда шудаанд аз ҳисоби ин муассисаҳо бо назардошти як рохбар ва гурӯҳи донишҷӯён дар муддати тамоми таҷрибаомӯзӣ аз рӯи меъёри зайл (аз рӯи фоиз ва маоше, ки дар ҷои кори асосии худ мегирад сурат мегирад):

а) Ба рохбари таҷрибаомӯзӣ дар муассисаи тиббӣ, профилактикӣ ва фармасевтӣ, ки роҳбарии умумиро аз рӯи миқдори донишҷӯёни таҷрибаомӯзӣ ба уҳда дорад:

**аз 11 нафар то 20 нафар – 15%**

**аз 21 нафар то 30 нафар-20%**

**аз 31 нафар то 40 нафар-25%**

**аз 41 нафар то 50 нафар-30%**

Агар миқдори донишҷӯёни таҷрибаомӯзӣ аз 50 нафар зиёд бошад, роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар муассисаҳои тиббӣ, профилактикӣ ва фармасевтӣ аз дигар вазифаҳо озод шуда, музди мехнати вай дар корхона мухофизат карда мешавад.

б) Ба роҳбари таҷрибаомӯзӣ дар шуъба, бахшҳо, лаборатория ва ғайра ки роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзиро ба зимма дорад:

**аз 1 то 4 нафар-10%**

**аз 5 то 7 нафар-20%**

**аз 8 то 10 нафар-30%**

3. Дар давоми таҷрибаомӯзӣ барои донишҷуёне, ки ҳуқуқи идроргирӣ доранд, сарфи назар аз он рӯз, ки онҳо дар ҷои таҷрибаомӯзӣ музди меҳнат мегиранд аз рӯи қоидаҳои умумӣ идрор дода мешавад.

4. Хароҷоти рафтуомади донишҷуёни таҷрибаомӯзӣ ва бозгашт бо нақлиёти шаҳрӣ, наздишаҳрӣ ва маҳаллӣ новобаста аз масофаи хобгоҳи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» аз ҳисоби худи донишҷуён пардохт мешавад.

5. Ба донишҷӯёне, ки дар давоми таҷрибаомӯзӣ дар вазифаҳои музднок кор мекунанд дар вақти рухсатии меҳнатӣ аз рӯи меъёри муқараршуда ёрдампулӣ дода мешаванд. Барои донишҷӯёне, ки собиқаи кор надоранд, дафтарчаи меҳнатӣ пур карда мешаванд. Аз лаҳзаи ба ҷои кори музднок вазифаи таъингардидани донишҷуён дар давоми таҷрибаомӯзӣ барои онҳо тамоми қонунгузориҳои умумии меҳнатӣ, қоидаҳои ҳифзи меҳнат дохили меҳнати татбиқ мегарданд. Барои донишҷуёне, ки ба тартиботии кори музднок таъин нашудаанд қоидаҳои меҳнат ва тартибии рӯзи кор, ки дар ин корхона, муассиса ва ташкилот мавҷуданд тадбиқ мегарданд.

6. Маблағи сафари омӯзгороне, ки барои роҳбарӣ ва назорати таҷрибаомӯзӣ мераванд, мутобиқ ба қонунгузории пардохти хидматӣ барои тамоми муддати сафар аз тарафи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» пардохт мешавад.

7. Хароҷоте, ки ба экскурсияи донишҷуён дар давоми таҷриба вобаста аст аз ҳисоби маблағҳое, ки аз рӯи смета барои ташкили таҷрибаомӯзӣ пешниҳод шудаанд, аз тарафи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ- иҷтимони Тоҷикистон» пардохт мешавад.

**Низомнома дар Шурои олимони донишкада тасдик карда шудааст.**